То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

11 феврали соли 2025

№ 3-4 (221-222)

# 2-ЮМИ МАРТИ СОЛИ 2025 ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**- ОЁ МАН ҲУҚУҚИ ИНТИХОБ КАРДАН ДОРАМ?**

- Бале, агар Шумо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошед ва то рӯзи интихобот синнатон ба 18 расида бошад, ҳуқуқи интихоб кардан доред.

**- ТО РӮЗИ ИНТИХОБОТ ЧӢ БОЯД КАРД?**

- Маҳалли истиқомати Шумо ба участкаи дахлдори интихобот вобаста карда шудааст. Ба участкаи интихоботи маҳалли зист ҳозир шуда, бо рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот шинос шавед. Дар рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот насабу номи худро ёбед ва дуруст будани онҳоро санҷед. Агар насабу номатон дар рӯйхат набошад, ҳуҷҷатҳоеро, ки шахсият ва ҷои истиқомататонро муайян мекунанд, пешниҳод намоед ва талаб кунед, ки шуморо ба рӯйхати интихобкунандагон дохил намоянд.

**- КАЙ ВА ДАР КУҶО МАН БОЯД ОВОЗ ДИҲАМ?**

- 2 марти соли 2025 аз соати 6-и субҳ то 20-и бегоҳ Шумо ҳуқуқ доред дар участкаи интихоботи маҳалли зист (масалан, дар бинои мактаби маҳалла) овоз диҳед. Комиссияи участкавии интихобот на дертар аз 10 рӯз то интихобот ба Шумо дар бораи ҷой ва вақти овоздиҳӣ хабар медиҳад.

**- ДАР РӮЗИ ОВОЗДИҲӢ МАН КАДОМ ҲУҶҶАТРО БОЯД БО ХУД ДОШТА БОШАМ?**




- Дар рӯзи овоздиҳӣ бюллетени овоздиҳӣ ба шумо бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон корти идентификатсионӣ), шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ва ё умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собикадори меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), шаҳодатномаи маъюбӣ, билети донишҷӯ, ҳарбӣ) дода мешавад. Бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бюллетен дода намешавад.

**РОҲИ ДУРУСТИ ОВОЗДИҲӢ:**

- ба назди аъзои комиссияи участкавии интихобот рафта, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро пешниҳод намоед;
- дар муқобили насабу номи худ дар рӯйхати интихобкунандагон имзо гузоред;
- узви комиссияи участкавии интихобот ба шумо ду бюллетени интихоботӣ медиҳад;
- ба кабинаи овоздиҳии пинҳонӣ дароед ва бовар ҳосил кунед, ки Шумо дар он ҷо танҳоед;
- бо мазмуни бюллетенҳои интихобот шинос шавед;
- дар бюллетенҳои интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, номи падари номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва ҳизби сиёсие, ки меҳоҳед ба тарафдориаш овоз диҳед, аломати ҷамъ «+» гузоред;
- агар Шумо бар зидди ҳамаи номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва ё ҳизбҳои сиёсӣ овоз доданӣ бошед, дар бюллетенҳои интихобот дар квадрати холии сатри «муқобили ҳамаи номзадҳо» ва «муқобили рӯйхати ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ» аломати ҷамъ «+» гузоред;
- бюллетенҳои пуркардашударо ба қуттии интихоботӣ партоед.

**ОЁ ПАДАРУ МОДАР, ЗАН Ё ШАВҲАРИ МАН Ё ЯГОН КАСИ ДИГАР МЕТАВОНАНД БА ҶОИ МАН ОВОЗ ДИҲАНД?**

- Ҳаргиз не! Падару модар, зан ё шавҳари шумо, фарзандон ва ягон каси дигар наметавонад ба ҷои шумо овоз диҳад. Ҳар як интихобкунанда бояд худаш овоз диҳад!

**Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 42 www.kmir.tj, elections@gmail.com
Тел:. +992 37 2211364, +992 37 2217678**

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

# РУШДИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ – ҲАДАФИ БАРНОМАВИИ ҲХДТ

*Дар доираи нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва дохилимуассисавӣ 5- уми феврали соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷониби Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи “Рушди инноватсия ва технологияи рақамӣ — ҳадафи барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон”, дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, бо иштироки олимону донишмандон, сиёсатмадорон ва устодону унвонҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар баргузор гардид.*



Қабл аз оғози ҳамоиш меҳмонон ва дигар иштирокчиёни чорабинӣ бо дастовардҳои илмию инноватсионии устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Литсеи инноватсионии назди он, дар самти технологияҳои рақамӣ, робототехника ва истифодаи зеҳни сунъӣ, номгӯи маҳсулоти истеҳсолнамудаи парки технологии Донишгоҳ ва дастовардҳои эҷодиву намоиши муд бо либосҳои миллӣ, аз ҷумла атласу чакан, ки ба маъраз гузошта шуда буданд, шинос гардиданд.

Дар чорабинии мазкур дастовардҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва чанде аз коллеҷҳои касбии ноҳияи Фирдавсӣ

с. 2

# РУШДИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ – ҲАДАФИ БАРНОМАВИИ ҲХДТ

(Аввалаш дар саҳ. 1)

низ ба намоиш гузошта шуда буданд.

Баъди анҷоми намоиши дастовардҳо дар толори Донишгоҳ конференсияи илмӣ-назариявӣ ба кори худ оғоз намуд.

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро хайрамақдам гуфт ва иброз намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам




Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ, солҳои 2025-2030-ро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карданд, ки ин иқдом аҳаммияти ҷорӣ намудани технологияҳо ва навовариҳои муосирро дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таъкид менамояд. Дар доираи ин ташаббус рушди инфрасохтори рақамӣ, беҳтар гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои интернетӣ, дастгирии стартапҳо дар соҳаи технология ва тақвияти барномаҳои таълимӣ дар соҳаи малакаҳои рақамӣ дар назар гирифта шудааст. Мавсуф изҳор дошт, ки панҷ соли зикргардидаро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон кардани Пешвои миллат амали сариваҳтист, чунки технологияи инноватсионӣ бо суръати кайҳонӣ рушд карда истодааст. Аз ин рӯ, мардуми шарафманди кишварро мебояд ҳамқадами ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ бошанд ва доир ба навгониҳои техникаву технологияи замонавӣ пайваста маълумот пайдо намуда, аз истифодаи он бархурдор гарданд.

Муовини аввали директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилзода Ҳаким дар мавзӯи “Ҳуҷҷатҳои стратегии мусоидаткунанда барои татбиқи солҳои 2025-2030 Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” маърӯза намуда зикр кард, ки Агентии мазкур сохтори навтаъсис буда, дар муддати хеле кӯтоҳ тавонист барои рақамикунонии сохторҳои кишвар заминаи хубе фароҳам оварад.

Директори “Институти иқтисодиёт ва демография”-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Шариф Раҳимзода дар мавзӯи “Иқтисоди миллӣ, технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонӣ” суханронӣ намуд. Мавсуф зикр кард, ки ҳамарӯза мо бо рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ кору фаъолият менамоем. Иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ба мо имконият медиҳанд, ки дар муомилоти пулӣ дақиқкор бошем ва ҳамеша сарфаи вақт намоем.

Баъдан дар мавзӯи “Иқтисоди рақамӣ, моҳият ва заминаҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Баҳодур Асоев, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Наҷмиддинзода Абдураҳмон, сардори Идораи стратегияи таҳлил ва ҷамъбасти департаменти рушд ва омори бонкии Корхонаи воҳиди давлатии Бонки Амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар мавзӯи «Нақши Амонатбонк дар рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», Шоҳиён Нуралӣ Набот – доктори илмҳои педагогӣ, мушовири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар мавзӯи «Зарурат ва аҳаммияти татбиқи технологияҳои рақамикунонӣ зимни омодасозии заминаҳои баҳогузории рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз назардиди таҷрибаи ҷаҳонӣ» маърӯзаҳои илмӣ намуданд.






Дар идомаи конфронс ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба роҳбарияти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорӣ ва боввариву эътимод изҳори сипос намуда, дар мавзӯи “Татбиқи технологияҳои нави инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ – асоси рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар” маърӯзаи илмӣ намуд.

Номбурда аз ҷумла қайд намуд, ки имрӯз дар Тоҷикистон мо ба таъмини рушди бонизоми технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зери ҳидоятҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расидем.

Ин равандро Президенти кишвар хуб пазируфта, барои боз ҳам ривоҷу равнақ додани соҳаи маорифи кишвар, соли 2010-ро дар Тоҷикистон “Соли маориф ва фарҳанги техникӣ” эълон намуда буданд. Ин пешниҳоди хирадмандонаи Сарвари давлат иқдоми дурнамосози кишвар ба ҳисоб мерафт. Президенти кишвар барои боз ҳам инкишофу рушди мамлакат солҳои 2025-2030-ро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон намуданд.

Воқеан, бесабаб нест, ки Роҳбари давлат ба рушди соҳаҳои маориф ва илм, саноат диққати хосса, зоҳир менамоянд. Зеро таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки онҳо маҳз бо такя ба маориф, илм ва саноат, инчунин, гузариш ба технологияҳои рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ мақом ва нақши худро дар арсаи байналмилалӣ устувор гардонида, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар хотимаи конфронс ба чанде аз фаъолони ҳизб, аз ҷониби Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сипосномаҳо супорида шуданд.




**И. ШАРИФЗОДА, М. БОҚИЗОДА, Р. ШАРИФ**

# ОМӮЗГОР

**Нест мушкил заҳмате аз заҳмати омӯзгор,**
**Ҳиммате набвад фузун аз ҳиммати омӯзгор.**
**Баски бе устод дар олам муваффақ нест кас,**
**Арҷ бояд дошт қадру қимати омӯзгор.**
**Аз Фалотуну Арасту месазад ёд оварем,**
**Ёфт аз он ду баландӣ рифъати омӯзгор.**
**Молу сарват бошадаш таълими фарзанди башар,**
**Сарвате беҳтар куҷо аз сарвати омӯзгор.**
**Гарчи раҳму шафқати инсоният беинтиҳост,**
**Такя дорад он ба раҳму шафқати омӯзгор.**
**Дар баёни тинати покаш қалам оҷиз бувад,**
**Поктар аз ашк бошад тинати омӯзгор.**
**Аз насиҳатҳои ӯ як умр лаззат мебарӣ,**
**Гар нишинӣ як даме дар суҳбати омӯзгор.**

**Н. АМИРӢ, устоди ДТТ**

# Нишасти матбуотӣ

**31 – уми январи соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Халқ овозӣ", "Омӯзгор", "Ҷавонони Тоҷикистон", «Паёми Душанбе», "Мароми пойтахт", "Ҷаҳони Паём", "Фарҳанг", "Фарҳанги Тоҷикистон", маҷаллаи "Бонувони Тоҷикистон", Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар", шабакаҳои телевизионию радиоӣ, аз ҷумла ТВ "Тоҷикистон", ТВ "Душанбе", ТВ "Баҳористон". ТВ "Илм ва табиат", радиои Тоҷикистон, радиои "Садои Душанбе" радиои "Овози тоҷик" ва роҳбарону намояндагони сохторҳои Донишгоҳ, нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**




Нишасти матбуотиро ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ оғоз намуда, намояндагони васоити ахбори оммаро, ки дар пешрафти ҷомеа ва шукуфоии кишвар сахми арзишманд доранд, хайрамақдам гуфт ва доир ба фаъолияти Донишгоҳ дар соли 2024, ба таври мухтасар суханронӣ намуд.

Ӯ аз ҷумла изҳор дошт, ки раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва тамоми сохторҳои он фаъолияти худро дар давраи ҳисоботӣ тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти таълиму тарбия нигаронидашуда ба роҳ монда, ба як қатор дастовардҳо ноил гардиданд.

Қайд гардид, ки моҳи апрели соли 2024 Донишгоҳ аз аттестатсияи навбатии давлатӣ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, соҳиби Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолият бо мухлати бемаҳдуд аз рӯи ихтисосҳои зинаи бакалавр – 57 ихтисос (аз ҷумла 16 ихтисоси нав), магистратура – 36 ихтисос, докторантура – 8 ихтисос ва 37 курси кӯтоҳмуддати сертификатсионӣ гардид.

Айни замон дар Донишгоҳ барои пешбурди раванди таълим дар умум 210 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 167 нафар омӯзгори доимӣ ва 43 нафар устоди ҳамкор фаъолият намуда истодаанд.

Аз ҳайати омӯзгорони доимӣ 109 нафарашонро устодони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта ташкил медиҳанд, ки ин ба 65,3 % баробар аст.

Гуфта шуд, ки дар соли 2024 аз рӯи 44 ихтисос донишҷӯ қабул карда шуд, ки нисбат ба соли 2023-юм 8 ихтисос зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ нақшаи қабул ба Донишгоҳ – 84,4% иҷро гардид, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 27,7% зиёд аст.

Дар давраи сипаригардида 862 нафар донишҷӯ аз рӯи ихтисосҳои мавҷуда рисолаҳои хатми тахассусиро ҳимоя намуда, донишгоҳро хатм карданд, ки дараҷаи азхудкунӣ 98,1 % ва сатҳи сифати таҳсилот 88,4 %-ро ташкил намуд.



Аз маҷмуи хатмкардагон 16 нафар соҳиби дипломи аъло гардиданд.

Соли 2024 раёсати Донишгоҳ тибқи консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар самти тарбияи насли ҷавон нақша - чорабиниҳо таҳия намуд.

Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯриҳо, бахусус, суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки 9-уми марти соли 2024 баргузор гардида буд, нақша -чорабиниҳои иловагӣ таҳия намуда, як қатор корҳоро ба сомон расонид. Аз ҷумла вохӯрии ректор бо тамоми донишҷӯён ва волидайни онҳо бо иштироки омӯзгорон гузаронида шуд.

Дар ин радиф бо мақсади самаранок ба роҳ мондани кор дар самтҳои гуногуни тарбияи миллӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ, ватанпарастӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, зебоипарастӣ, экологӣ, тарзи ҳаёти солим, таҳаммулпазирӣ ва пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар робитаи зич бо мақомотҳо, сохторҳо, вазоратҳо ва муассисаҳои дигари таълимӣ беш аз 794 чорабинӣ баргузор карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 154 адад зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи таҳқиқотҳои илмӣ ва истифодаи амалии онҳо дар Донишгоҳ мактабу семинарҳои илмӣ фаъолият карда, беш аз 305 мақолаи илмӣ ба нашр расид, ки аз онҳо 100 ададашро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия ташкил медиҳанд. Инчунин, аз ҷониби ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳ 1 патенти Авруосиёгӣ оид ба ихтироот, 2 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтироот ва 3 хабарномаи мусбӣ ба даст оварда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 13 нафар корманд рисолаҳои илмӣ ҳимоя карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 нафар зиёд мебошад.

Соли сипаригардида барои Донишгоҳ соли муваффақияту дастовардҳо буд. Хонандагони Литсейи инноватсионии "Душанбе"-и назди Донишгоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм- фурӯғи маърифат" ширкат варзида, 2 нафар ҷойи 1-ум ва 3 нафар ҷойи 3-юмро ишғол намуданд. Инчунин, як нафар олими донишгоҳ дар соли 2024 барои дастовардҳо дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ сарфароз гардонида шуд.

Қайд гардид, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва таҳким бахшидани иқтидори кадрҳои илмии Донишгоҳ бо ибтикори ректори Донишгоҳ, тибқи қарори Шурои олимон аз моҳи майи соли 2024 миқдори маблағҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ зиёд карда шуд.

Инчунин, барои ҷалби бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ, пайвастани илм бо истеҳсолот ва омода намудани кадрҳои ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир ва ҳавасмандгардонии донишҷӯёну омӯзгорон иқдоми дигари роҳбарияти Донишгоҳ, ҷиҳати дарёфти ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ мукофотҳои пулӣ ва имтиёзҳо тибқи қарори Шурои олимон муқаррар карда шуданд.

Тибқи он, барои ғолибони озмунҳои фаннӣ ҳангоми сазовор гаштани донишҷӯ ба ҷойи якум 100%, ҷойи дуюм 75% ва ҷойи сеюм 50% аз пардохти маблағи яксолаи таҳсил озод карда мешаванд ва омӯзгороне, ки онҳоро ба ин озмунҳо омода менамоянд, 50 дарсаи ин маблағҳоро сазовор мегарданд.

Бо ҷойи кор таъмин намудан ва мониторинги хатмкунандагон,- гуфт дар идомаи суханаш Зоир Файзалӣ,- яке аз вазифаҳои афзалиятноки Донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2024 аз 531 нафар хатмкардаи шуъбаи рӯзона 438 нафар бо ҷои кор таъмин гардид, ки дар умум 82,4% -ро ташкил медиҳад. Ин рақам нисбат ба соли 2023 – юм 10% зиёд мебошад.

Илова бар ин, айни ҳол зиёда аз 220 нафар донишҷӯ (курсҳои 1-4) дар баробари донишомӯзӣ дар корхонаҳо бо 0,5 басти корӣ ба шуғл фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, тибқи ҳамкориҳои тарафайн миёни Донишгоҳ ва корхонаҳои нассоҷии "Нассоҷии Тоҷик", "Арвис", "Пиллаи Тоҷик" ва "Гардӣ 2015" ҷиҳати бо ҷои кор таъмин гардидани донишҷӯён, корҳо роҳандозӣ гардида истодаанд.

Вусъат бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ имконияти воридшавии донишгоҳро ба фазои ҷаҳонии таҳсилот васеъ намуда, онро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ месозад.

Дар давраи соли 2024 Донишгоҳ бо 27 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст, ки ин нисбат ба соли гузашта қариб 2 маротиба зиёд мебошад.

Дар доираи лоиҳаҳои барномаҳои байналмилалӣ ва бо ҷалби 6 нафар мутахассиси хориҷӣ 14 нафар омӯзгору корманди Донишгоҳ (6 нафар дар самти саноати хӯрокворӣ, 5 нафар дар самти саноати сабук, 1 нафар дар самти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва 2 нафар дар самти иқтисодиёт) аз такмили ихтисос гузаштанд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2023-юм 4 нафар зиёд аст.

Дар соли ҳисоботӣ барои иштироки фаъолона дар лоиҳаҳои барномаи Erasmus+ Иттиҳоди Аврупо Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун як донишгоҳи пешсаф дар таҳия ва дарёфти грантҳои молиявӣ, аз ҷониби Дафтари миллии Erasmus+ дар Тоҷикистон бо Ҷоизаи махсус сазовор гардонида шуд.

Айни замон дар доираи лоиҳаҳои мубодилаи академии барномаи Erasmus+ дар донишгоҳ 6 лоиҳа татбиқ шуда истодаанд.

Баъд аз хотимаи ҳисоботи ректори Донишгоҳ, миёни намояндагони воситаҳои ахбори омма ва роҳбарияти Донишгоҳ саволу ҷавобҳо, ки фарогири масъалаҳои марбут ба соҳаи таълиму тарбия буданд, сурат гирифтанд.

Дар фарҷом ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ изҳор дошт, ки ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳ минбаъд низ кӯшишу ғайрат ва донишу малакаи касбиашонро баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин вазифаҳои дар наздашон гузоштаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири ба талаботи замон ҷавобгӯ, тадбирҳои зарурӣро амалӣ мегардонанд.

**Р. МАСЪУД**

*Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тавассути ҳидоятҳои ибратомӯзи Роҳбари соҳибфитрату накусириштаи – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба неруи тавонои пешбар, рушддиҳандаи иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷумҳурӣ, эҳёгари арзишҳои миллӣ ва ташаккулдиҳандаи нуфузу манзалати давлат дар арсаи байналмилалӣ мубаддал гаштааст.*

# ЗИҲӢ, ЭЙ ПЕШВО, ЭЙ ҚАҲРАМОНМАРД



Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар асоси Оиннома ва барномаҳои худ фаъолият намуда, дастовардҳои афкори пешқадами ҷамъиятро эҷодкорона татбиқ менамояд. Манфиатҳои мардумро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва муносибат ба дину мазҳаб ҳимоя карда, суннату анъанаҳо ва арзишҳои беҳтарини миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро дастгирӣ ва инкишоф дода, ҳар гуна зуҳуроти маҳалгароӣ, миллатчигӣ, таассуби динӣ, зӯроварӣ, экстремизм (ифротгароӣ), терроризми сиёсӣ ва диниро қатъиян маҳкум намуда, худшиносӣ, ватанпарастӣ ва ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллату давлатро асоси фаъолият мешуморад.

Имрӯз ҳизб дар ташаккул додани ҳама рукнҳои ҳокимияти давлатӣ: қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ фаъолона иштирок намуда, бо ҳама ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, барои рушд ва инкишофи минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд. Бо камоли қаноатмандӣ метавон гуфт, ки бо гузашти 30 соли фаъолият Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери шиори «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагию ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум» ҷомеаи моро ба марҳилаҳои сифатан нав расонид. Тавре Пешвои миллат бахшида ба 25-умин солгарди Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иброз намуданд, «давоми ин солҳо талошу муборизаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол барои таҳкими давлатдории навини миллӣ далели он аст, ки ҳизби мо дар хизмати мардум аст».

Воқеан ҳам, ҳар марҳилаи тайкардаи он бо таваҷҷуҳ ба татбиқи босамари ҳадафҳои стратегии мамлакат, муаррифии Ватан ҳамчун ҷумҳурии пешоҳангу ташаббускор дар ҳалли мушкилоти гуногуни минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва расидан ба марҳилаҳои сифатан нави ҳаёти ҷомеа бо иқдоми созандаи Раиси он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошад. Он ҳама дастгирӣ ва ибтикороти Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки барномаи ҳизб ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, чоп ва ройгон тақдим намудани китобҳои илмӣ-фарҳангӣ, ташкили ҷоизаҳои давлатӣ барои олимони ҷавон ва варзишгарон ва гузаронидани озмунҳои илмӣ-фарҳангӣ, ба мисли «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар Тоҷикистон як инқилоби бузурги илмӣ-фарҳангӣ, табаддулоти зеҳнию варзишӣ ва дигаргуниҳои куллиро дар самти корҳои ободонию созандагӣ ба бор овардааст.

Мо шоҳиди онем, ки ҳамасола бахшида ба ҷашни бузурги миллӣ – Истиқлолияти давлатӣ, дар сатҳи маҳалу деҳот, ноҳияю шаҳрҳо ва вилояту пойтахти мамлакат корҳои ободонию созандагӣ бо маром идома дошта, ҳамасола садҳо роҳу пул ва иншооти гуногуни таъйиноти иҷтимоию маишӣ ба истифода дода мешаванд. Солҳои охир корҳои ободонӣ дар пойтахти мамлакатамон- шаҳри Душанбе низ баръало мушоҳида гардида, навсозии кӯчаю хиёбон, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, майдончаҳои варзишӣ, қомат афрохтани биноҳои баландошёнаи маъмурию маишӣ, муассисаҳои муосири таълимию тандурустӣ, инчунин, истгоҳҳои замонавию роҳҳои нақлиётии сеқабата боиси сарфарозию фараҳмандӣ ва хушҳолии на танҳо сокинони пойтахт, балки мавриди таваҷҷуҳи зиёди меҳмонону сайёҳони хориҷӣ гардидааст.

Дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ бо ҷалби соҳибкорону ҷавонони ватандӯсту садоқатпеша як теъдод корхонаҳои нави саноатии истеҳсолӣ мавриди истифода қарор гирифта, ба бунёди даҳҳо корхонаҳои бузурги дигар санги асос гузошта шудааст. Чунин иқдом барои зиёд гардидани ҷойи кор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон беш аз ду даҳсолаи охир ҳамчун солҳои пур аз рӯйдодҳои фараҳбахши сиёсию фарҳангӣ ва басе хотирмону фаромӯшнопазир дониста мешаванд. Зеро дар ин муддат мавриди истифода қарор гирифтани чархаҳои якум ва дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун», қабули 6 қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид марбут ба мушкилоти об рӯйи кор омада, ташаббуси навбатии башардӯстона – «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» мавриди омӯзиши ин ниҳоди бузурги байналмилалӣ қарор дорад. Дар ин радиф пойтахти ҷумҳуриамон макони асосии баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди минтақавию байналмилалӣ гардид, ки ин нуфузу эътибори ҷумҳурии моро дар ҷаҳон дар симои Пешвои миллат боз ҳам болотару устувортар намуд.

Қобили таъкид аст, ки ҳамаи ин ташаббусҳо хусусияти инсондӯстӣ дошта, ба ҳифзи ҳаёт дар сайёраи Замин ва садоқату ҳамзистии осоиштаи инсоният равона гардидаанд. Натиҷаи татбиқи дурусти ҳадафҳои оинномавию барномавии ҳизб мебошад, ки имрӯз дар қатори дигар фраксияҳои ҳизбӣ фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, ҳамчун фраксияи бонуфузтарин ва пуриқтидортарин эътироф шудааст.

Аъзои фраксия дар самтҳои намояндагӣ, қонунгузорӣ ва байнипарламентӣ фаъолият намуда, бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва иқдоми фраксия дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ қонунҳои амалкунандаро вобаста ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва раванди демократикунонии ҷомеа такмил дода, қонунҳое эҷод ва қабул менамоянд, ки инсон ва арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои онро кафолат медиҳанд. Олимону донишмандон, коршиносони мосоили гуногуни арсаи байналмилалӣ ва сарони давлатҳою сиёсатмадорони хориҷӣ нисбат ба Президенти Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибрози андеша намуда, баҳои баланд додаанд.

Аксарияти онҳо дар суханронии худ Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вобаста ба кору пайкор, хизматҳои шоён ва қиёснопазирашон ҳамчун сиёсатмадори варзидаи сатҳи байналмилалӣ, донишманди фозил, хирадманду оқил, дӯсти беҳтарину беғараз, ташаббускору сермаҳсул, боҷасорату поквиҷдон, ҷавонмарди комилу қавиирода, соҳибмактабу накусиришт, таҳаммулгарою матинирода ва фидоии воқеии миллати хеш номида, хизматҳою ҷоннисориҳояшонро на танҳо нисбат ба миллати худ, балки барои бисёре аз халқҳо ва мамлакатҳои олам намунаи ибрат хондаанд.Инчунин пешниҳодҳо намудаанд, ки модели давлатдориашонро дар масири сулҳофарӣ ҷомеаи ҷаҳонию институтҳои байналмилалӣ ва давлатҳое, ки дар онҳо авзоъ ноором аст, метавонанд омӯзанд ва татбиқ намоянд. Дар ҳақиқат, хизматҳои шоён, қиёснопазир ва ҷоннисориҳои фарзанди фарзонаи миллати тоҷик- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки имрӯз ҷумҳуриамон дар марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ симои худро куллан дигаргун намуд.

Воқеан, хизматҳои мондагори Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти мамлакат боиси ҳазорон таҳсину офарин мебошанд, ки дар ин мавзӯъ садҳо достонҳо ва шеъру китобҳо метавон навишт.

Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама вохӯриҳояшон бо табақаҳои гуногуни аҳолӣ аз миллати шарафманду сарбаланди тоҷик даъват ба амал меоранд, ки ҳамеша дӯсту иттифоқ бошем, шукронаи ин сарзамин ва ин давлат кунем. Зеро имрӯзҳо мо дар равандҳои таҳдиду хатарҳои нави замони муосир қарор дорем. Аз ин рӯ месазад, ки мо миллати тамаддунофари тоҷик барои боз ҳам устувортар гардонидани амнияти миллӣ, таъмини рушду нумуи иқтисодиёт ва таҳкими сулҳу суботи саросарии мамлакат ҳама аз як гиребон сар барорем, ифтихор аз Ватану ватандӯстӣ намуда, дар атрофи Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳиду сарҷамъ бошем.

**Зоир РАҲМОНЗОДА,**
**ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.**

**Бознашр аз рӯзномаи “Минбари халқ”, №1(1502) аз 02. 01. 2025**

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ СИЁСАТИ ФИСКАЛӢ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ

**Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28-уми декабри соли 2024 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои хуштарҳу замонавии мақомоти олии қонунгузори кишвар – Маҷлиси Олӣ ироа гардид, роҳнамоест барои ноил шудан ба мақсадҳои шоиста ва босалоҳияти мардуми шарифи кишвар.**

Аз ҷумла, дар суханронии Пешвои миллат зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба инкишоф давоми 33 сол бахри пайдо намудани мавқею манзалат бо сиёсати асили иқтисодиаш зери шиори сиёсати "дарҳои кушода" дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи хосса дорад.

Қайд намудан зарур аст, ки сиёсати иқтисодии давлат ин маҷмӯи чорабиниҳо ё тадбирҳоест, ки Ҳукумат аз номи давлат дар соҳаи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот, инчунин содироту воридоти молу хизматҳо дар кишвар ба амал мебарорад.

Дар Паёми навбатӣ аз ҷониби Президенти мамлакат таъкид гардид, ки мардуми мо низ мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд ва ин ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад.

Дар Паём Сарвари давлат арзёбии марҳилаи ҳисоботӣ, баррасии вазъият ва самтҳои асосии рушди иқтисодии кишвар, сатҳи дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ, арзёбӣ ва дурнамои соҳаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои ҳуқуқию амниятӣ, баррасии равандҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро барои солҳои оянда мавриди баррасии хеле муфассал ва ҷиддӣ қарор доданд. Аз ҷумла: "Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,4 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 150 миллиард сомонӣ расонида шуд. Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод".

Яке аз қисматҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат сиёсати фискалӣ мебошад. Сиёсати фискалӣ гуфта, низоми муайяни танзими иқтисодро ба воситаи харочотҳои давлатӣ ва андозҳо меноманд. Аз ҳамин ҷиҳат сиёсати фискалӣ маҷмӯи сиёсати буҷет ва сиёсати андоз буда, дар баъзе ҳолатҳо, сиёсати буҷаю андоз низ номида мешавад. Унсурҳои асосии сиёсати фискалӣ харочотҳои давлатӣ ва андозҳо ба ҳисоб мераванд. Дар Паёми Пешвои миллат сиёсати фискалӣ низ ҷойгоҳи худро дорад. Аз ҷумла: "Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид".

пеш аз ҳама таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии бӯҳронҳои озуқаворӣ равона шудаанд. Бо ин мақсад аз ҷониби Пешвои муаззами миллат ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқавории кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.

тағйироти талабот ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд.

Нуктаи дигари муҳиме, ки дар Паём зикр гардид - ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Қайд гардид, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳо Пешвои миллат аз

Нуқтаи муҳимми дигаре, ки дар Паёми Пешвои миллат таъкид гардид, ин ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Дар ин раванд аз ҷониби Сарвари давлат ба вазорату кумитаҳои дахлдор вазифагузорӣ карда шуд, ки то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд.

Дар Паём Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 ҳадафи стратегии давлат ва Ҳукумати кишвар – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат мақоми хоса доштанд. Ҳадаф ва мақсади амалӣ гардонидани стратегияҳои мазкур ин пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии шоистаи мардуми кишвар ба шумор мераванд.

Таъмини амнияти озуқаворӣ ин

Воқеан ҳам нақши соҳибкорон ва махсусан соҳибкории саноатӣ дар пешрафти Тоҷикистон назаррас буда, он барои расидан ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар мӯътадилсозии молиявӣ, бо ҷойҳои кории нав таъмин намудани аҳолӣ ва афзун кардани бозори истеъмолӣ нақши муҳим мебозад. Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон фазои иқтисодии озод ва як қатор имтиёзҳоро барои соҳибкорон фароҳам овардааст, то ки соҳибкорон бе мушкилӣ фаъолият намоянд.

Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби Пешвои миллат пешниҳод гардид, ки ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисноиа санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад.

Коршиносон имрӯз саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ муҳим арзёбӣ мекунанд, зеро соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника,

баъзе камбудиҳо ва мушкилоти ҷойдошта ёдовар шуда, ба масъулин дастуру ҳидоятҳои дорои хусусияти иқтисодию иҷтимоидошта дода, қайд намуд, ки ин вазифаи ҷонии ҳар яки мо бахри бартараф кардани он мебошад.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ҳар як нуктаи Паёми Пешвои миллат асосӣ буда, дар он тамоми ҷанбаҳои фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷумла: раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат, сатҳи пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар, вазъияти бахши воқеии иқтисодиёт, сиёсати иқтисодию молиявии давлат, даромад ва пасандозҳои аҳолӣ, вазъияти сармоягузорӣ, вазъият ва масъалаҳои соҳибкорӣ, вазъияти воридоту содирот дар кишвар ба тартиби муайяншуда мавриди таҳлилу баррасӣ ва вазифагузорӣ барои солҳои минбаъда қарор дода шуд. Хулоса:

**Паёми Пешвои миллати мо,**
**Бувад чун роҳнамои давлати мо.**
**Ҳадафҳояш ҳама созандагиҳост,**
**Калиди роҳкушои миллати мост!**

**Абдурасул Сатторзода,**
**декани факултети менеҷмент**
**ва маркетинги байналмилалӣ**

# ПАЁМИ ТАҚДИРСОЗ ВА СОЗАНДА

Ҳар сол чун анъана дар охири соли сипаришаванда Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон Паёми навбатии худро чун барномаи яксолаи тақдирсози миллат ироа намуда, дар назди мардуми шарифи Тоҷикистон бахри рушду нумуи Ватани азизамон вазифаҳои муҳимми созандаро эълон медоранд. Бешубҳа, дар марҳилаи кунунӣ, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба бӯҳрони сиёсӣ рӯ ба рӯ аст, шаҳрвандони мо бояд ба ҳар рӯйдоди воқеъшудаи ҷаҳон бо масъулияти баланди сиёсӣ муносибат намуда, хосатан бахри ҳифзи сулҳу субот ва оромии минтақа талош намоянд. Тоҷикистони азизи мо бо кишварҳои минтақа ҳамсарҳад буда, оромии минтақаи Осиёи Мавказӣ аз кишвари мо вобастагии зиёд дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ хатарҳои вазъи пурфоҷеаи сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва минтақаро баён намуда, мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ҳушёрии сиёсӣ механад ва ҳамагонро ба пешгирии ҳама гуна нобасомониҳою гумроҳиҳо даъват мекунад: "Дар баробари ин, ноороmиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, "ҷанги сард", тағйирёбии иқлим, инчунин канда шудани занҷирҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозад, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои сариваќтӣ андешем.

Дар ин ҷода моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем".

Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишварро "ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон" меҳисобад, ки ин нишони ғамхории беназири Президенти мамлакат ба мардуми Тоҷикистон мебошад.

Дар асри XXI бидуни рушди илму техника ба ягон дастоварди бузург ноил шудан имкон надорад, бинобар ин, кишвари мо ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ бидуни татбиқи техникаю технологияи муосир дар ягон соҳа наметавонад ба пешрафту натоиҷи муҳим дастёб гардида, ба мардуми тоҷик зиндагии шоистаю оромро таъмин созад. Дар Паём ин нуктаи хеле муҳим ва тақдирсоз мавриди таваҷҷуҳи махсуси Президенти муҳтарам қарор дода шудааст. Бо ин мақсад, дар ин ҳуҷҷати муҳимми таърихию сиёсӣ тадбирҳои зиёде пешниҳод шудааст, ки татбиқи он ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ вобаста мебошад. "Ҳамзамон бо ин, дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад". Иқтисоди рақамӣ дар замони муосир аз дастовардҳои муҳимми инсони асри имрӯз ба ҳисоб рафта, васоити асосии таъминкунандаи некуаҳволии мардум буда, чараёни саноатикунонии соҳаҳои хоҷагии халқро таъмин менамояд. Ин пешниҳоди Пешвои миллат тақозои замони муосир мебошад ва бидуни татбиқи иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ғайриимкон мебошад ва ба ҷомеаи ҷаҳони имрӯз пайвастани кишвари азизи мо аз воқеият дур мебошад. Донишгоҳи азизи мо ҳам имкон дорад, дар ин самт саҳми босазо гирад ва дар тарбияи мутахассисони соҳаи барномасозӣ ва иқтисоди рақамӣ иқдом намояд. Пешвои миллат дар ин раванд таъкид намуданд, ки "...муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмндгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад".

Дар соҳаи баланд бардоштани арзишҳои миллӣ ва худшиносии таърихӣ дар Паём нуктаҳои хеле муҳим ба миён гузошта шудааст, ки татбиқи онҳо барои ҳар шаҳрванди кишвар муҳим мебошад. Агар мардуми шарифи Тоҷикистон ба арзишҳои миллии худ арҷгузор набошанд, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шинохти миллати мо ҳаргиз кӯшиш намекунад. Бо иқдоми Пешвои миллат Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ дода истодааст.

Аз пайи ин иқдоми наҷиб, Пешвои миллат дар соли 2025 таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабирро дар сатҳи байналмилалӣ ва бо дастгирии ЮНЕСКО ба миён мегузоранд, ки боиси таҳсин ва арҷгузорӣ мебошад. Бахшида ба ин санаи муҳим ба мо лозим меояд, ки пеш аз ҳама, ин шахсияти бузурги таърихиро ба мардуми тоҷик муаррифӣ намоем ва дар ин замина ба таърихи тоисломии мардуми Шарқ огоҳӣ пайдо намоем, зеро аксари мардумони мусулмонтабор таърихи тоисломии мардумони минтақаи Осиёи Марказиро ба эътибор намегиранд ва ба шахсиятҳои таърихии давраи бостон таваҷҷуҳ надоранд. Дар ин ҳолат, бештар ба таърихи миллати тоҷик мехоҳанд зарба зананд ва қадимӣ будани тоҷиконро мавриди шубҳа қарор диҳанд.

Куруши Кабир дар бунёди миллатҳои Шарқ мақоми хос дорад ва ба арзишҳои озодии инсон арҷгузорӣ намуданро дар ҳар давру замон таъкид намудааст.

Куруши Кабир дар замони ҳазорсолаҳои то мелод, ки аксари мардуми ҷаҳон ба дастовардҳои фарҳангӣ нарасида буданд, сиёсати оқилонаи давлатдориро пеш гирифта, ба эътиқоду ақоид ва дину мазҳаби миллатҳои Шарқ эҳтиром мегузошт. Ӯ ба ҳар кишваре, ки мерафт, худоёни мазҳабҳои ҳар сарзаминро ба расмият мешинохт, худро ҷонишини қонунии подшоҳони бумӣ эълон медошт ва аз рӯйи расму русуми онҳо подшоҳиро мепазируфт.

с. 6

# ПАЁМИ ТАҚДИРСОЗ ВА СОЗАНДА

Беҳуда нест, ки руҳониёни Бобул ӯро ҳамчун писари худои олитабори бобулиён Мардук муаррифӣ намуда, ба тахти шоҳӣ нишастанашро бо хушнудии тамом истиқбол намуда буданд. Агар аз рӯи арзишҳои ҷомеаи имрӯз назар андӯзем, сарчашмаҳои бобулию ибронӣ шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати давлатдории Куруши Кабир 2550 сол аз ин муқаддам ба тарзи давлатдории дунявӣ асос ёфта буд.

Бидуни тардид метавон таъкид намуд, ки яке аз сабабҳои шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудани империяи абарқудрати замони худ шудани давлати Форс дар пеш бурдани ҳамин сиёсати давлатдории дунявӣ нуҳуфта мебошад. Дар айни замон бояд бо ифтихор таъкид намоем, ки Куруши Кабир зимни сиёсати давлатдорӣ ва тарзи дунявии тафаккур ҳадафҳои кишваркушоӣ ва густариш додани иқтидори рӯзафзуни империяи Форсро пеш бурда, дар таърихи инсоният суннати неки эҳтироми бани башарро чун фарзанди як хонадон ба мерос гузоштааст, ки ин оин имрӯз мавриди ифтихори мо тоҷикон мебошад.

Ба қавли муаррихони аҳди қадиму ҷадид, Куруши Кабир қабл аз ҳуҷум ба Бобул дар симои савдогарону тоҷирон, руҳониёни мазҳабҳои гуногун ва дастаи ҷосусони давлатӣ тарғиботчиёни сиёсати худро ба он ҷо интиқол дода, намояндагони миллату мазҳабҳои азияткашидаро қаблан ба империяи Ҳахоманишиён дилгарм месохт. Куруши Кабир, алалхусус, нисбат ба миллати банӣ Исроил, ки аз замони Бухтуннаср дар асорати давлати Бобул буд, меҳрубонӣ ва инояти зиёде кардааст. Ӯ ашёҳои гаронбаҳо ва зарфиёти тиллоиву нуқрагинро, ки ҳангоми хароб намудани маъбади яҳудиён дар Байтулмуқаддас ғорат шуда буд, ба ибодатхонаи яҳудиён бозгардонд. Гузашта аз ин, бо иҷозаи Куруш беш аз 42 ҳазор нафар яҳудӣ, аз ҷумла, 7 ҳазор ғуломону каниз барои таъмиру таҷдиди маъбадҳои Байтулмуқаддас раҳсипор шуданд. Аз ин ҷост, ки эҳтироми паямбарони банӣ-Исроил ба Куруш хеле зиёд буда, номи ӯ дар китоби муқаддаси онҳо зикр шудааст. Куруши Кабир дар айни ҳол маъбадҳои Бобулистон, Ошур ва Эламро таъмир намуда, ба онҳо назру ниёз ва қурбониҳои зиёде нисор месохт, халқиятҳои мухталифро барои баргаштан ба ватани аслиашон рухсат медод. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, ҷавҳари зӯроваронаи империяи Ҳахоманишиён ва сиёсати бузургдавлатии онҳо боқӣ мемонд.

Вақте ки Куруши Кабир соли 539-и то мелод шаҳри Бобул – пойтахти давлати муқтадири Бобулистонро фатҳ кард, бар хилофи шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан ба куштору ғорат мепардохтанд, эъломияе интишор сохт, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд. Ин шахсияти бузурги таърихи миллати мо то имрӯз дар саҳифаҳои китобу рисолаҳо камтар зикр мегардид ва баъзе табақоти ҷомеаи имрӯз ӯро бо ҳар баҳона дар назди имрӯзиён муаррифӣ кардан намехостанд. Ин гуна бегонашавии фарҳанги миллӣ насли имрӯзро ба равияҳои зиддимиллӣ ва зиддимардумӣ оварда, фарҳанги бегона дар ҷомеаи мо муҳим арзёбӣ мегардид. Ин гуна бегонашавии насли имрӯз моро водор месозад, ки дар тарғиби арзишҳои миллӣ, хосатан, Куруши Кабир барин шахсиятҳои созанда иқдом намоем ва дар татбиқи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат пешсаф бошем.

Президенти маҳбуби кишвар ин нуктаи муҳимро дар назар дошта, таҷлили 2550-солагии Куруши Кабирро аз муҳимтарин чорабинии илмию фарҳангии соли 2025 қаламдод намуданд. Мо боварии комил дорем, ки устодон ва шогирдони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, чун ҷузъи таркибии ҷомеаи мадании Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таҷлили ин рӯйдоди бузурги таърихию фарҳангӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар шинохти ин шахсияти бузург саҳми арзишманд мегузоранд.

**Нурмуҳаммад ОДИНАЕВ,**
**устоди кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# МОТИВАЦИЯ ПРЕДПОСЫЛКА ДЛЯ ОБУЧЕНИЯ

**«То, что ты ищешь, тоже ищет тебя»**
**Джалолиддин Балхи**

Всем нам известно, что студенты Гарвардского университета славятся своими достижениями в науке, в бизнесе, а также и в других сферах современной жизни. В конце 2000-х годов в Интернете появились «Гарвардские» правила мотивации студентов на обучение. Надеюсь, что студенты Технологического университета Таджикистана знакомы с данными правилами. Это не догма и не обязательно их выполнение, потому как каждый студент должен решать самостоятельно, как ему поступать в той или иной возникшей жизненной ситуации. Мотивация же является предпосылкой для обучения, поскольку она побуждает человеческий организм действовать энергично, придаёт смысл данным действиям, которые продолжаются до той поры, пока цель не будет достигнута ими.

Леонардо да Винчи, итальянский эрудит, художник и изобретатель говорил следующее: «Обучение – единственное, чего разум никогда не исчерпывает, никогда не боится и никогда не сожалеет... Чем усерднее он работает, тем больше ему везёт». Он прав, ведь какой бы сложной не казалась учёба, всегда есть возможность обучиться и добиться успеха. Правила для студента необходимы для того, чтобы в их студенческой жизни царил порядок, а ещё для понимания допустимых границ поведения и действий. Нарушение границ дозволенного, то бишь одних правил приведёт к печальным последствиям других сфер их деятельности.

Вниманию студентов предлагаю «30 правил мотивации студентов Гарварда», для того чтобы ещё раз ознакомиться с ними и сделать определённые умозаключения:

1. Спящие видят сны, а сны тех, кто предпочёл учёбу дрёме, становятся явью.
2. Никогда не бывает слишком поздно.
3. Муки учения скоротечны, а муки невежества – нескончаемы.
4. Учёба изменяется не временем, а старанием.
5. Жизнь предназначена не только для учёбы, но если вы не можете справиться с этой частью жизни, то с чем тогда вы способны справиться.
6. Трудности и испытания могут оказаться приятными.
7. Только справившись с задачей раньше других и приложив максимум усилий, вы сможете радоваться успеху по-настоящему.
8. Не каждому дано преуспевать во всём. Успех сопутствует лишь тем, кто наделён решительностью и способен к самосовершенствованию.
9. Время скоротечно.
10. Сегодняшнее безделье обернётся завтра слезами.
11. Реалист – это, тот кто заботится о будущем.
12. Зарплата прямо пропорционально уровню образования.
13. День сегодняшний никогда не повторится вновь.
14. Даже сейчас ваши враги жадно переворачивают листы книг.
15. Не попотеешь – не заработаешь.
16. День, потраченный впустую, рождает бездну бессмысленных дней.
17. Не откладывайте на завтра то, что можете сделать сегодня.
18. Источник плохой учёбы не в нехватке времени, а в недостаточном упорстве.
19. Счастье – это не заслуга, а успех.
20. Наслаждайся страданиями, если не можешь их избежать.
21. Оценка пропорциональна времени, затраченному на учёбу.
22. Невозможность – отговорка для тех, кто не пытается.
23. Не придёшь сегодня – прибежишь завтра.
24. Нет момента ближе к успеху, чем тот, когда вы думаете, что всё кончено.
25. Без боли успеха не бывает.
26. Не надо дремать, ложитесь спать.
27. Самое важное случается, когда другие спят.
28. Дайте волю смыкающимся векам, и будущее пронесётся мимо вас.
29. Если вместо сна ты выберешь учёбу, то ты воплотишь свою мечту в жизнь.
30. Дополнительный час учёбы, определит вашего будущего супруга или супругу.

Данные правила универсальны, и можно с уверенностью применять в любой создавшейся ситуации. Все успехи и неудачи студентов, хоть и кажутся разными, по сути своей едины. Студентам ещё многому нужно научиться, а правила дают возможность взглянуть на неудачи с обратной стороны и действовать.

Цитаты известных мудрецов и мыслителей Востока об обучении и развитии могут стать мощным источником вдохновения и мотивации, а также способны поддержать усилия молодёжи по самосовершенствованию на пути к знаниям и новым достижениям: «Продолжайте бороться, продолжайте терпеть неудачи, продолжайте жить, если вы честны и решительны внутри, вселенная, знает, к чему вы стремитесь, и это уже на пути к вам. Так что будьте полны надежды и никогда не сдавайтесь» (Джалолиддин Балхи).

«Жаловаться также легко, как трудно брать на себя ответственность. Много людей говорят о том, что не так в мире. Но вы можете внести те изменения, которые смогут повернуть жизнь к лучшему уже завтра. Возможно, мы не несём ответственности за беспорядок, который твориться в нашем мире, но мы несём единоличную ответственность за свой вклад в этот беспорядок» (Махатма Ганди).

Мотивация играет важную роль в процессе обучения, направляя энергию студента в конструктивное русло и удерживает её там до конца обучения. Все существующие правила необходимы для установления порядка, обеспечения безопасности и эффективности в различных сферах жизни, помогая людям понимать, что можно и что нельзя делать.

Так следовать этим правилам или нет? Это личное дело каждого молодого человека. Удачи!

**НУРУЛОЕВА З.К.,**
**старший преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования ТУТ**

**Соли 2025-соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо**

# ТАШАББУСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶИҲАТИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Динамикаи рушд ва истифодабарии захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз захираҳои бузурги пиряхҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ин, бо такя ба онҳо ба истифодабарии самараноки захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баҳои воқеӣ дод. Исбот шудааст, ки экология ва рушди устувор муҳимтарин омилҳои ҳаёти инсон мебошанд.

Ин мафҳумҳо самаранокии истифодабарии захираҳои обӣ ва ҳифзи онҳоро ифода мекунанд: коҳиши партовҳои зараровар, ҳифзи пиряхҳо, ҳифзи барф ва яххо дар сатҳи замин, литосфера ва гидросфера, чораҷӯӣ барои ҳавзаҳои пиряхӣ, тадбирҳои пешгирикунандаи хатари эҳтимолӣ ба обшавии пиряхҳо, фароҳам овардани муҳити мусоид барои истифодабарии самаранокии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва гузариш ба иқтисоди сабз. Дар баробари ин, таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳадаф ва вазифаи ҷомеаи муосир дарёфти манбаъҳои обӣ ва дар ин замина ба самаранокии экологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ноил шудан мумкин аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо захираҳои бузурги обӣ ва гидроэнергетикӣ дар низоми неруи барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷои махсусро ишғол мекунад. Дар ҳаҷми 64,4%-и манбаъҳои обие, ки аз ҳудуди кишварамон ҷорӣ мешаванд, Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои зиёди об ва гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ яке аз кишварҳои пешрафта ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии дарёҳо ва сарчашмаи обӣ зиёда аз 25 ҳазор буда, дарозии умумии онҳо қариб 90 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Дар кӯлҳои Тоҷикистон 46,3 км3 об ҷамъ шуда, захираи оби тоза 19,3 км3 ва захираи обҳои зеризаминӣ 51,2 км кубиро ташкил медиҳад. Дар ноҳияҳои баландкӯҳ 8492 пирях бо масоҳати зиёда аз 9 ҳазор километри мураббаъ мавҷуд буда, дар онҳо 500 километри мукааб оби сифатан аъло мавҷуд аст ва аз ин миқдор 360 километри мукаабро пиряхҳои Помир ташкил медиҳанд. Дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла Панҷ, Сирдарё, Вахш, Кофарниҳон, Зарафшон, Ғунд, Шоҳдара, Бартанг ва ғайра аз захираи пиряхҳо вобастагии калон доранд.

Аксари кишварҳои пешрафта аз ҷиҳати захираҳои обӣ, аз ҷумла захираи оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, ин боиси олуда шудани муҳити зист ва хуруҷи касалиҳои зиёди сироятkунанда мегардад, ки дар оянда ҳамчунон мушкилоти аср боқӣ мемонад. Барои ҳалли ин мушкилот давлатҳои ҷудогона чандин миллиард маблағро сарф мекунанд, ки ин ба иқтисодиёти ин кишварҳо зарари ҷиддӣ мерасонад.

Бо ин мақсад, Созмони Милали Муттаҳид қариб ҳар сол вобаста ба масъалаи об ва ҳифзи пиряхҳо конференсия ва симпозиумҳоро дар ҳамкорӣ бо давлатҳои манфиатдор мегузаронад. Ҳукумати Тоҷикистон пайваста талош меварзад, ки дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои об дар арсаи ҷаҳон нақш ва мавқеи муҳимро ишғол намояд. Баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023 аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои ҳифзи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла ҳифзи пиряхҳо бетараф набуда, ҳадафи асосиро ҷиҳати пешниҳоди ташаббуси панҷум, вобаста ба соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон намуд. Минбаъд ҳар сол рӯзи 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад. Вобаста ба ин 15-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 77-ум қатъномаи эълони “Соли 2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”-ро, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард.

Мақсади асосии эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" аз инҳо иборат аст:

– ҷалб ва ҳавасманд намудани олимон ва мутахассисон ҷиҳати пеш бурдани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва амалии мониторинги пиряхҳо;

– захираи маълумоти саҳеҳ вобаста ба пиряхҳо, қабатҳои яхбандии он, қабатҳои барф, устувории онҳо, қитъаҳои азбайнрафтаи пиряхҳо ва хатҳои барфӣ, обшавии пиряхҳо, кӯлҳо ва ҳавзаҳои пиряхӣ, ва омилҳои таъсиррасон ба онҳо;

– пешбурди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти афзояндаи офатҳои табиии марбут ба иқлим;

– таъсиси ташаббусҳо ва андешаҳои боэътимод ва муштараки тадқиқот байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ, оид ба такмил додани таҷрибаҳои таҳлил ва мониторинг, идоракунии хатарҳо ва пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқуллода;

– фароҳам овардани шароит барои сармоягузорӣ ҷиҳати истифодаи технологияҳои пешрафта, ба монанди аксбардории радифӣ ва низомии мушоҳидаи заминӣ барои беҳтар кардани мониторинги пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхӣ дар вақти воқеӣ;

– татбиқи низоми бисёрҷанбаи огоҳкунии бармаҳали хатарҳои офатҳои табиӣ;

– баланд бардоштани шуурнокӣ ва маърифатнокии аҳолӣ вобаста ба огоҳӣ аз хатарҳои табиӣ;

– пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқуллода, аз он ҷумла хатарҳои марбут ба пиряхҳо, махсусан тавассути ҷангалсозӣ, идоракунии устувори замин ва барқарорсозии экосистемаҳои пиряхӣ барои муҳофизат аз таъсири иқлим.

**Алишер АЙДАРМАМАДОВ,**
**номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи ДТТ**

**Бебаҳотарин сарвати Тоҷикистон ин неруҳои зеҳнию ақлӣ, яъне аҳли зиё, аҳли маърифату эҷодаш аст, ки чун ворисони арзандаи аҷдодонамон дар рушди тамаддуни башарӣ саҳм мегиранд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ПАЁМ – РАҲНАМОЕСТ БАРОИ РАСИДАН БА ОРМОНҲОИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА



Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санади расмӣ ва барномавӣ буда, самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳамасола аз тарафи Сарвари давлат ироа гардидани Паём ба Маҷлиси Олӣ ва дар доираи манфиатҳои миллӣ муайян намудани дурнамои рушди мамлакат ҷиҳати расидан ба ормонҳои таърихии мардуми шарифи Тоҷикистон ва яке аз рукнҳои муҳимми давлати соҳибистиқлол ва рамзҳои асосии давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд буда, моҳият ва муҳтавои ин санади муҳимми арзишманд қутбнамои ҳар як фарди бедордили миллат мебошад, ки ҳаракти он расидан ба ормонҳои зиндагии шоиста мебошад. Ин санади муҳим оинаи пурҷилои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии кишвар буда, тамоми ниҳодҳои аркони давлат ва мардуми тоҷик ҳар як нуктаи онро сармашқи кор ва зиндагии шоистаи хеш қарор медиҳанд.

Сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ на танҳо дар пойтахти кишвар, балки дар ҳар як гӯшаю канори Ватани азизамон дар доираи татбиқи ҳадафҳои созандаи давлату ҳукумат шукуфо гардида, зиндагии шоиставу арзандаи ҳар як сокини мамлакат таъмин мегардад.

Бо иродати бепоён зикр намуд, ки нутқ ва баёни пурмуҳтаво ва барномавии Пешвои муаззами миллат бо забони шево ва ноби тоҷикӣ ба ҳар як ҳамватан пайғоми пурифтихори насли имрӯз ба наслҳои фардо ва садои пурифтихори созандаи давлату миллати шарафманди тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ин ҳуҷҷати муҳим дастури зиндагии босаодат дар диёри аҷдодии мост.

Пешвои муаззами миллат дар саромади суханрониашон сазовор таҷлил намудани 30-юмин солгарди Конститутсияи давлати соҳибистиқлолро, ки ҳамчун санади тақдирсози миллат ба шумор меравад, ба намояндагони парлумони кишвар ва ҳозирин хотирнишон карданд.

Махсусан таъкид намуданд, ки ин санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст.

Дар Паёми навбатӣ Сарвари давлат бори дигар ҳушдор намуд, ки дар замони пуртаҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳдиди бухронҳои шадиди "ҷанги сард" ва ҷаҳонишавии бошитоб ҳар як фарди ватандӯст бояд дар пайи такмили андешаи солиму созанда бошад ва роҳи саодату хушбахтии худро дар ҳифзи асолат, таҳкими сулҳу субот тавассути аз худ кардани илмҳои муосир, бахусус, омӯзиши технологияҳои ҷадид баҳри рушди саноату иқтисод равона намояд.

Пешвои миллат бори дигар хотирнишон карданд, ки барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд.

Давлати соҳибистиқлоли мо ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, яке аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ шинохта шуда, давлату ҳукумати кишвар барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум тамоми тадбирҳои судмандро амалӣ намуда истодааст.

Ин аст, ки дар соли 2024-ум ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд ва дар панҷ соли охир бошад суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ махсус қайд намуданд, ки ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳо, барномаҳои миллӣ, сармояи хориҷӣ, ки дар рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар нақши бориз доранд, дар панҷ соли охир 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Пешвои муаззами миллат Дар Паёми навбатии хеш оид ба ҳадафҳои стратегии мамлакат, ҷиҳати рушди устувори иқтисоди давлат дар соли 2025 таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуда, иброз доштанд, ки дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Таъкид карда шуд, ки ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар ин замина ташкили ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад.

Дар ин ҳуҷҷати мутазаккира оид ба масоили рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ мисли дигар кишварҳои мутаммадин ва тараққикарда ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ гомҳои устувор гузошта истодааст. Ин нуктаи муҳим низ аз ҷониби Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ таъкид гардида, солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд.

Гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисодӣ, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар ин самт, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) гузаштан, вусъат бахшидан ба инфрасохтори рақамӣ, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ яке яз нуктаҳои Паём дар давоми 5 соли минбаъда мебошанд.

Дар Паём яке аз масъалаҳои меҳварӣ ин масъалаи расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» ба шумор рафта, Сарвари давлат оид ба иншооти бузурги аср НБО-и "Роғун", таҷдиду азнавсозии неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Қайроққум» ва «Себзор» ва ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷи кишвар ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои сохтмонӣ изҳори назар намуданд.

Дар Паём аз тариқи таҳлилии қиёсӣ Сарвари давлат вазъу ҳолати илму маорифи ватаниро мавриди арзёбӣ қарор доданд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд. Дар соҳаи маориф 8 барномаи давлатӣ ва 2 стратегияи дарозмуддат ва 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст, ки ин бори дигар аз дастгириҳои рӯзафзуни Пешвои муаззами миллат шаҳодат медиҳад.

Эътибори аввалиндараҷа зоҳир кардан ба масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакону наврасон, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ба унвони масоили ҷавҳарӣ дар Паём аз забони Сарвари давлат садо дод.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар ҳар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ оид ба баланд бардоштани мақому манзалати занону модарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, барои беҳтар кардани шароити кору зиндагии онҳо тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат нисбат ба Модар суханони пурмуҳаббатро иброз доштанд. Зеро Модар мазҳари меҳру муҳаббат аст. Модар мураббӣ ва тарбиятдиҳандаи аввалини фарзандон аст.

Дар шароити имрӯзаи бархурди тамаддунҳо вазъи ноороми баъзе аз кишварҳои сайёра, ба вежа Ховари миёна бори дигар моро ҳушдор месозад, ки назари худро, афкори худро, донишу ақлу заковат ва фитрати азалии хешро нисбати кишвари маҳбубамон некбинона ва дурбинона сайқал диҳем. Нагузорем, ки ин оромӣ, ин сулҳу суботи кишвар, ки бо талошу заҳматҳои сулҳофари Пешвои муаззами миллат ба даст омадааст, афроде ё гурӯҳи нохалафе халалдор созад. Имрӯз мо дида истодаем, ки бо пайдо шудани падидаҳои номатлуб, аз ҷумла, "тундгароӣ", "ифротгароӣ" ва "даҳшатафканӣ" ҳоли давлатҳо, ки иддае аз мардумашон, хосса ҷавононашон ба ин гурӯҳҳо шомиланд, чи гуна аст.

Аз ин рӯ, зимни ироаи Паём, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ҷавонон қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, дар замирашон бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад.

Мояи ифтихори ҳар як сокини кишвар аст, ки дар бахши хулосавии Паём Сарвари давлат оид ба амалӣ намудани ҳадафҳои асосии стратегии давлат сухан ронда, бо эътимоду қаноатмандӣ ҳамаи дастовардҳои ноилшударо пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати мардуми шарифи кишвар маънидод намуданд.

**Насрулло Амирализода,**
**мутахассиси пешбари бахши таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**муаллими калони кафедраи математикаи олӣ**

# АРТИШИ МИЛЛӢ - ЯКЕ АЗ РУКНҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТДОРӢ ВА СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН

**23 -юми феврали соли ҷорӣ аз таъсисёбии Артиши миллӣ 33 сол сипарӣ мегардад. Ҳамасола (шурӯъ аз соли 1993) мардуми шарафманд ва озодаманишу озодандеши кишвар бо роҳбарии Сарвари давлат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали Артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин санаи муҳимми таърихиро таҷлил менамоянд.**

Агар ба таърихи таъсисёбии ин ниҳоди қудратӣ, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва сипари боэътимоди Ватан маҳсуб меёбад, назар афканем, мебинем, ки Артиши миллӣ замоне таъсис дода шуд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ аз харитаи сиёсии ҷаҳон бардошта шуд ва вазъи геополитикии ҷаҳон ба кулли тағйир ёфта буд.

Тоҷикистони маҳбуби мо, ки гомҳои нахустини худро бо шоҳроҳи истиқлоли навини худ мегузошт, вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиаш дар ҳолати ноором қарор дошт. Мутахассисони варзида дар соҳаи ҳарбӣ ангуштшумор буданд. Дар баробари вазъи печидаи ҳарбию сиёсӣ ва муноқишаҳои дохилӣ, Тоҷикистони тозаистиқлол ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи худ шурӯъ намуд. Аммо барои бунёди як Артиши мукаммал дар кишвар ягон заминаи моддиву техникӣ вуҷуд надошт. Яъне бунёди ин ниҳоди қудратӣ дар заминаи холӣ аз сифр шурӯъ гардид.

Бо талошҳои пайгирона ва сулҳофари Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки он замон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард, 18-уми декабри соли 1992 қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расонида шуд, ки он дар заминаи «Фронти халқӣ» ва қувваҳое, ки Ҳукумати конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд, таъсис дода шуд.

Хушбахтона, 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвари маҳбубамон - шаҳри Душанбе нахустин паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз дар таърихи навини миллати мо расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Қобили зикр аст, ки Артиши миллӣ ва бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ зодаи даврони истиқлол мебошанд, ки ҳамагӣ баъди якуним соли ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуд, ки мавҷудияти давлати тоҷикон ва бақои истиқлоли он таҳти хатари нобудӣ қарор дошт. Бунёди Артиши миллӣ аҳаммияти таърихию миллӣ дошта, дар барқарор намудани сулҳу суботи кишвар нақши бориз гузошт. Дар он солҳои бисёр мудҳиш бо талошҳои беназири фарзонафарзанди миллат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарори махсус дар бораи ҳайати роҳбарикунандаи фаврӣ, идоракунии мутамарказ ва сафарбаркунии неруҳои мусаллаҳи сохторҳои низомӣ бо мақсади ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қабул гардид, ки бевоста роҳбариашро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зиммаи худ гирифта буданд.

Пешвои муаззами миллат Артиши миллиро ҳамчун сипари боэътимоди Ватан, рукни асосии давлатдорӣ ва кафили бақои истиқлол ва сулҳу субот тавсиф намуда, қайд карданд, ки «Артиши миллии мо баръакси дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, ки дар он давра аллакай ба мероси худ аслиҳаву техникаи ҳарбӣ ва дигар заминаҳои моддиву техникиро соҳиб шуда буданд, бе ягон таҳкурсӣ ва пойгоҳи аввалия ташкил карда шуд, ба мо лозим омад, ки корро дар ҷои холӣ оғоз намоем. Аммо сарфи назар аз ҳама мушкилот мо имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки Артиши миллии тоҷик ба вуҷуд омад. Он ба дараҷаи кофӣ қудрат дорад, ки мамлакатро аз таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ ҳифз намояд».

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар заминаҳои нахустини ташкил намудани Артиши миллӣ, нақши «Бригадаи таъйиноти махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо маҷмуи вазифаҳояш ҳамчун нахустсохтори он, ки 5-уми декабри соли 1992 таъсис дода шуда буд, хеле калон аст. Раванди зина ба зина таашаккул ёфтани Артиши миллии Тоҷикистон се марҳилаи асосиро паси сар намудааст.

Марҳилаи якум ин ташкил ва мустаҳкам намудани пояҳои моддӣ-техникӣ, сафарбар намудани кадрҳои тахассусӣ.

Марҳилаи дуюм бунёди навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҷобаҷогузории онҳо.

Марҳилаи сеюм ин таҳкиму тақвият бахшидан ба Артиши миллӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он замон сафи Артиши миллиро аз ҳисоби хизматчиёни сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, размандагони Ҷабҳаи Халқии Тоҷикистон ва даъвати шаҳрвандони дорои ихтисоси ҳарбӣ, ки дар захира буданд, пурра намуда буд.

Дар баробари таъсис додани ин ниҳоди қудратӣ яке аз масъалаҳои муҳимми асосӣ ин эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ташаккул, танзим ва ҷобаҷогузории Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои он ба шумор мерафт, ки дар ин замина 17-уми феврали соли 1993 «Низомномаи тартиби қабули Савганди ҳарбӣ», 2-юми августи соли 1993 «Низомномаи додситони ҳарбӣ», 26-уми июни соли 1993, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул гардиданд. Қабул намудани ин ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ ин асосҳои мавҷудияти Артиши миллӣ, фаъолияти сохторҳои он, маблағгузории буҷетӣ, масъалаҳои интизомӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонунро ба танзим медарорад

Бояд ёдовар шуд, ки аз таъсисёбии Артиши миллӣ муддати тӯлонӣ сипарӣ нашуда бошад ҳам, ба дӯши он дар якҷоягӣ бо дигар мақомоту сохторҳои қудратӣ вазифаи басо муҳимму бузург ва масъулияти баланд, яъне таъмин намудани субот ва амнияти кишвар во гузошта шуд, ки тақдир ва ояндаи миллат ва дастовардҳои истиқлол аз ҳалли онҳо вобастагии калон дошт.

Мо имрӯзҳо сарбаландона ва бо ифтихори миллӣ гуфта метавонем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар масири ҳифзи дастовардҳои истиқлоли навини меҳан, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, дар мубориза ба муқобили ҳар гуна дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор, ошӯбҳои хиёнаткорона, кӯшишҳои табаддулоти ҳарбӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ хизмати фидокоронаро анҷом дода, ба як неруи тавонои ҳарбӣ табдил ёфтааст.

Мардуми сарбаланд, маҳбуб ва баору номуси Тоҷикистон ва давлату Ҳукумат фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва нахоҳад кард. Хотираи неки онҳоро, ҷонбозиҳо ва фидокориҳои он родмардоне, ки барои таҳкими сулҳу субот, ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша арҷ мегузоранд. Артиши миллии мамлакат бо талош ва дастгириҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли 33 сол ба яке аз сохторҳои воқеан ҳам муқтадири ҳарбӣ табдил дод шуд.

Айни замон метавон ёдовар шуд, ки ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дорои қӯшунҳои хушкигард, зудамал, дохилӣ, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Гвардияи миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи гражданӣ мебошад.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаи шаҳрвандии ҳар як ҷавони қавииродаи Ватан мебошад. Зеро хизмат бо Ватан ин маънои ба ҷо овардани хизмати падару модар ва ҳимояи марзу буми ин сарзамини аҷдодӣ мебошад.

Артиши миллиро бе ҳузури ҷавонон тасаввур кардан ғайри имкон аст. Зеро ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дарки масъулият ва ҳисси ватанпарастӣ нақши созгор доранд. Ин аст, ки ба таври ихтиёрӣ ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ шомил шудани ҷавонон сол аз сол афзуда истодааст, ки ин қабл аз ҳама аз тарбияи дурусти волидайн, устодон шаҳодат медиҳад. Чунки бо тарбияи дурусти онҳо ва ба ин васила дар замири ҷавонон тарбия намудани ҳисси баланди масъулият ва дар руҳияи ватандӯстию меҳанпарастӣ тарбия намудани афсарони оянда заҳматҳои зиёде кашида истодаанд.

Бо итминони комил метавон иброз намуд, ки Артиши миллӣ ин ҳамқадаму ҳамзамони даврони истиқлоли кишвар буда, яке аз ниҳодҳои қудратманд ва рукни асосии давлатдорӣ мебошад. Дар шароити имрӯза Артиши миллии мо дорои техникаҳои пешрафта ва ярокҳои замонавӣ буда, барои мубориза бурдан ба ҳар гуна хатарҳои замони муосир, падидаҳои номатлуби аср, аз қабили экстремизм, радикализм ва терроризм сипари боэътимоди Ватан мебошад.

Бо истифода аз сафҳаи рӯзномаи дӯстдоштаам “Фановар” ва бо дарки баланди худшиносии миллию меҳри ватандорӣ кулли омӯзгорону кормандон ва шогирдони азизи донишгоҳро бо 33-юмин солгарди Рӯзи Артиши миллӣ самимона шодбош гуфта, бароятон оромиву осоиш, ба зиндагиатон офият, ба ишқатон субот, ба меҳратон вафо, ба умратон иззат ва ба аҳдатон сидқ таманно дорем.

**Амиралиизода Насруллоҳ Неъматулло**





**Омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон на танҳо дар корҳои ободонӣ ва кабудизоркунии ҳудуди ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, балки кӯчаю хиёбонҳои пойтахти кишварамон- Душанбешаҳр низ саҳми арзишманд мегузоранд.**

Фановар

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха*